# Бароят басанда буд, ки бо дастонат чунин букунӣ". Сипас дастонашро як бор дар замин зад ва бо дасти чап дасти росташ ва пушти дастонаш ва рӯяшро масҳ кард

Аз Аммор ибни Ёсир (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) манро барои коре фиристод, ҷунуб шудам ва об наёфтам, (ки ғусл кунам). Пас дар хок ғел задам чунон ки ҳайвон худашро дар хок меғелонад. Сипас ба назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омадам ва онро барояш нақл кардам. Он ҳазрат фармуд: "Бароят басанда буд, ки бо дастонат чунин букунӣ". Сипас дастонашро як бор дар замин зад ва бо дасти чап дасти росташ ва пушти дастонаш ва рӯяшро масҳ кард.

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) Аммор ибни Ёсирро барои баъзе ниёзҳояш ба сафар фиристод, пас ӯ ба сабаби алоқаи ҷинсӣ ё баромадани манӣ аз рӯйи шаҳват дучори ҷанобат шуд ва барои ғусл кардан об наёфт. Ва дар он вақт ҳукми таяммумро намедонист, балки медонист, ки таяммум барои ҳадаси асғар ва бетаҳорати аст. Бинбар ин иҷтиҳод кард ва гумон кард, ки ҳамон гуна, ки барои бетаҳоратӣ бо хоки рӯйи замин бар баъзе узвҳои баданаш масҳ мекунад, барои таяммум аз ҷанобат низ бояд хокро ба ҳамаи баданаш бирасонад ва ин аз рӯйи қиёси хок бар об буд. Пас дар хок ғел зад, то он ки хок ба ҳамаи баданаш бирасад ва сипас намоз хонд. Ҳангоме ки назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омад, ин воқеаро барояшон нақл кард, то бубинад, ки оё кораш дуруст будааст ё хато. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) барояш чӣ гуна пок шудан аз ҳадаси асғар (бетаҳоратӣ), монанди пешоб ва ҳадаси акбар, монанди ҷанобатро тавзеҳ дод, ки он чӣ гуна аст: Бо дастонаш як бор бар хок зарба бизанад, сипас дасти чапро бар дасти рост ва пушти дастонаш ва рӯяш масҳ кунад.

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY

لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC
E-Da'wah Committee